Шиноснома
аз тарафи муассисаи тиббӣ
бе пул дода мешавад

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи
иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муассисаи давлатии
«Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика»

Бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 октябри соли 2015, №840
тасдиқ карда шудааст

# ШИНОСНОМАИ

## иммунизатсиякунии кӯдак

## Иттилооти асосӣ

Сурати кӯдак

______________________________

(Муассисаи тиббие, ки шиносномаро додааст)

______________________________

Санаи додани шиноснома ______

Санаи таваллуди кӯдак ______________

Ҷои таваллуд ______________________

(дар таваллудхона / хона)

Номи кӯдак ______________________

Насаби кӯдак ______________________

Ҷинс __________ Гурӯҳи хун __________

Қад __________ Вазн __________

(ҳангоми таваллуд)

Аломатҳои махсус ҳангоми таваллуд __________

______________________________

Суроға ______________________

______________ тел. ______________

**Волидайни муҳтарам!**
**Тамоми ваксинаҳое, ки ба кӯдаки Шумо ворид карда мешаванд, комилан ройгон (бе пул) мебошанд.**

## Иттилооти зарурӣ

Акушер-гинеколог ______________ (тел.) __________

Табиб ______________ (тел.) __________

Табиб ______________ (тел.) __________

Табиб ______________ (тел.) __________

Ҳамшираи тиббӣ ______________ (тел.) __________

Ҳамшираи тиббӣ ______________ (тел.) __________

Стоматолог ______________ (тел.) __________

Шахсони зерин дар ҳолати набуданам кӯдаки маро ҳамроҳӣ карда метавонанд:

______________ ______________

(ному насаб) (дараҷаи хешу таборӣ)

Тел. хизматӣ __________ тел. хона __________

______________ ______________

(ному насаб) (дараҷаи хешу таборӣ)

Тел. хизматӣ __________ тел. хона __________

## Тақвими миллии иммунизатсияи кӯдаки Шумо

| Намуди ваксина | Мӯҳлати иммунизатсиякунӣ |
|---|---|
| ОПВ-0 (сифрӣ), ГВ-1 | Дар муддати 24 соати баъд аз таваллуд |
| БСЖ-1 | Дар рӯзҳои 3-5-уми баъд аз таваллуд |
| Пентаваленти-1 (АКДС-1, Hib, ГВ-2), ОПВ-1, Рота -1, ВПК-1 | Дар 2 моҳагӣ |
| Пентаваленти-2 (АКДС-2, Hib, ГВ-3), ОПВ-2, Рота -2, ИПВ | Дар 3 моҳагӣ |
| Пентаваленти-3 (АКДС-3, Hib, ГВ-4), ОПВ-3, ВПК-2 | Дар 4 моҳагӣ |
| СБГ-1, ОПВ-4, ВПК-3 | Дар 12 моҳагӣ |
| АКДС-4 | Дар 16-23 моҳагӣ |
| СБГ- 2, АДС, БСЖ-2 | Дар 6 солагӣ |
| АДС-М-1, БСЖ-3 | Дар 16 солагӣ |
| АДС-М – 2, 3, 4, 5 | Баъди ҳар 10 сол (26, 36, 46, 56 солагӣ) |

<u>**Эзоҳ:**</u> ОПВ – ваксинаи зидди бемории фалаҷ;
ГВ – ваксинаи зидди бемории гепатити В;
БСЖ – ваксинаи зидди бемории сил;
Пентавалентӣ – ваксинаи зидди бемориҳои кабудсулфа, гулӯзиндонак, кузоз, сирояти гемофилии шакли b (Hib), гепатити В;
Рота – ваксинаи зидди бемории шикамрави кӯдакон, ки сабабгорашон гурӯҳи ротавирусҳо мебошанд;
ИПВ – ваксинаи ғайрифаъолкардашуда бар зидди бемории фалаҷ;
ВПК – ваксинаи зидди сирояти пневмококкӣ;
СБГ – ваксинаи зидди бемориҳои сурхча, баногӯшак ва гулафшон;
АКДС – ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак, кабудсулфа ва кузоз;
АДС – ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз;
АДС-М – ваксинаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз (бо миқдори камтарини антигенҳо).

## Сабти иммунизатсияи кӯдаки Шумо

| Ваксина/воя | | Силсила ва мӯҳлати истифодабарӣ | Санаи иммунизатсия | Санаи иммунизатсияи оянда |
|---|---|---|---|---|
| БСЖ | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| | 3 | | | |
| Гепатити В | 1 | | | |
| ОПВ | 0 | | | |
| | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| | 3 | | | |
| | 4 | | | |
| Пентавалентӣ (АКДС, Hib, ГВ) | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| | 3 | | | |
| Рота | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| ИПВ | 1 | | | |
| ВПК | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| | 3 | | | |
| СБГ | 1 | | | |
| | 2 | | | |
| АКДС | 4 | | | |
| АДС | 1 | | | |
| АДС-м | 1 | | | |

**БЕМОРИҲОЕ,**
**ки ба муқобили онҳо иммунизатсияи**
**пешгирикунанда гузаронида мешавад**

**ФАЛАҶ** – бемории сироятшаванда мебошад, ки аслан ба системаи асаб таъсир намуда, ба фалаҷшавии дасту пой ва ҳатто ба марг мерасонад. Бемории фалаҷ ба маъюбии якумра меоварад.
**ГЕПАТИТИ В** – бемории сироятшаванда мебошад, ки қаблан ба ҷигар таъсир мекунад. Шакли давомдори ин беморӣ ба сирроз ва саратони ҷигар табдил меёбад.
**СИЛ** - бемории сироятшаванда мебошад, ки ба шуш ва дигар узвҳои одам таъсир мерасонад. Намуди вазнини беморӣ дар шакли варами пардаи мағзи сарӣ (менингит) кӯдакон мушоҳида карда мешавад. Беморӣ аслан боиси окибатҳои хатарнок ва фавти бемор мерасонад.
**КАБУДСУЛФА** – бемории хатарноки кӯдакона мебошад, ки ба он асосан сулфаи давомдори вазнин хос аст. Барангезандаи бемории кабудсулфа бисёр хосияти сироятии баланд дорад. Беморӣ бе табобати саривақтӣ ба фавт мерасонад.
**ГУЛӮЗИНДОНАК** – бемории шадиди сироятшаванда мебошад, ки ба воситаи сулфа ва атса задан аз одами бемор ё дорандаи барангезандаи гулӯзиндонак ба одами солим мегузарад. Хусусияти беморӣ аз саршавии дардҳои сабук дар гулӯ то бемории вазнини ба ҳаёт таҳдидкунанда иборат аст. Ҳолати вазнин ба осеби мушакҳои дил расонида, сабаби фавти бемор мегардад.
**КУЗОЗ** – барангезандаи он бо воситаи захмҳои кушодаи бадани одам ворид шуда, боиси бемории вазнинтар мешавад. Ба ин беморӣ ларзиши мушакҳои рӯй, дасту пой ва окибатҳои фалаҷи мушакҳои нафаскашӣ хос ҳастанд. Дар бисёр ҳолатҳо беморро ба фавт меоварад.
**СУРХЧА** – бемории шадиди сироятшаванда мебошад, ки ба он баландшавии харорати бадан, илтиҳоби роҳҳои нафас, илтиҳоби милки чашм ва пайдошавии доначаҳои сурх, ки аввал дар пардаҳои луобии чашм ва даҳон ва баъд аз сар ба поён дар тамоми бадани бемор паҳн мешаванд, хосанд.
**БАНОГӮШАК** – бемории шади сироятӣ буда, асосан ғадудҳои луобҳосикӯнӣ ва системаи асабро иллатнок мекунад. Ба ин беморӣ баландшавии ҳарорати бадан, заҳролудшавии он ва калоншавии ғадудҳои назди гӯш хос аст. Оризаҳои хавфноки баногӯшак – ин энсефалит, ношунавоӣ ва бенаслӣ мебошад.
**ГУЛАФШОН** – бемории шадиди сироятӣ буда, бо воситаи вирусҳо мегузарад. Асосан барои ҳомиладорон ниҳоят хатарнок аст. Агар зани ҳомиладор ба ин беморӣ гирифтор шавад, кӯдаки навзоди ӯ бо нуқсонҳои зиёд – каршавӣ, нобиноӣ, нуқсонҳои модарзодии дил ба дунё меояд.
**ГЕМОФИЛИ ШАКЛИ b** – бемории сироятшаванда буда, ба он асосан кӯдакон гирифтор мешаванд. Барангезандаи он чубчаи гемофилии типпи b буда сабабгори бемории газзаки шуш ва газзаки пардаи мағзи сар, мешавад.
**БЕМОРИИ ДИАРЕЯИ КӮДАКОН (РОТАВИРУСӢ)** – яке аз намудҳои бемориҳои паҳншудаи шикамрави кӯдакон буда, ниҳоят хаттарнок мебошад, асосан дар фасли тобистон авҷ мегирад. Махсусан кӯдакони то 2 сола бештар бемор мешаванд ва бе табобати фаврӣ ба ҳалокат мерасанд.
**СИРОЯТИ ПНЕВМОКОККӢ** – метавонад сабабгори ба вуҷуд овардани чунин бемориҳои вазнин байни кӯдакон ба монанди илтиҳоби майнаи сар (менингит), илтиҳоби шушҳо (пневмония) ва септисемия гардад. Дар бисёр маврид метавонад отити гуши миёна ва синуситро низ ба вуҷуд орад.

**ИММУНИЗАТСИЯ**
**барои САЛОМАТИИ кӯдаки Шумониҳоят муҳим аст**

- Иммунизатсия – кӯдаки Шуморо аз бемориҳои сирояткунанда, монанди фалаҷ, гепатити В, сил, кабудсулфа, гулӯзиндонак, кузоз, сурхча, гулафшон, диареяи кӯдакон, ки сабабгорашон отавирусҳоянд ва ғайра эмин нигоҳ медорад.
- Сари вақт мувофиқи тақвими миллии иммунизатсияи қабулшуда, ваксинатсия кардани кӯдакатон хеле муҳим аст.
- Аз воридкунии ду се намуди ваксина дар як маврид ташвиш накашед.
- Агар кӯдаки Шумо яке аз намудҳои иммунизатсияро бо ягон сабаб нагирифта бошад, ҳатман иммунизатсияро давом диҳед, чунки танҳо иммунизатсиягузаронии пурра метавонад кӯдаки Шуморо аз сироятшавии бемориҳои бо воситаи иммунизатсия пешгиришаванда нигоҳ дорад.
- Ҳар бори мурочиататон ба муассисаи тиббӣ, ҳатто дар сурати ба иммунизатсиягузаронии кӯдаки Шумо алоқаманд набудани он ҳам, бо худ гирифтани Шиносномаи мазкур ва ба корманди тиббӣ нишон додани онро фаромӯш накунед.
- Фаромӯш накунед, ки ҳар як иммунизатсия аз тарафи корманди тиб дар шиносномаи мазкур бояд сабт карда шавад.

Бо сабаби ба миён омадани зиддинишондодҳо,санаи иммунизатсияи кӯдакатон метавонад тағийр ёбад. Аз ин рӯ, Шумо бояд ба маслиҳатҳои духтурро дақиқ риоя намуда, сабаби зиддинишондоди иммунизатсия ва санаи иммунизатсияи навбатиро бори дигар пурсед.
Дар муассисаи тибие, ки дар ҷои истиқоматии Шумо мавҷуд аст, Шумо метавонед дар хусуси масъалаҳои иммунизатсия ва оиди бемориҳое, ки бо воситаи иммунизатсия пешгирӣ карда мешаванд, маълумоти пурра гиред.